**Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-018 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Фархудинов Ҷамшед Исроилович дар мавзӯи «Танзими ҳуқуқии шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 - ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ пешниҳод шудааст.**

Муносибатҳои иқтисоди бозорӣ талабот ва хусусиятҳои хоси худро доранд, ки риоя ва иҷрои онҳо ба самаранокии истифодабарии қитъаи замин ва дар маҷмӯъ ба нишондиҳандаҳои баланди иқтисодӣ вобаста мебошад. Махсусан ҷори намудани низом ва усулҳои нави ташкили фаъолият, коргузорӣ, фарҳанги баланди истифодабарии техникаву технологияҳо, таҷҳизот дар соҳаи кишоварзӣ, истеҳсоли маҳсулотҳои рақобатпазир, кам намудани хароҷот, омода намудани мутахассисони ба талаботи бозор ҷавобгуйро тақозо менамояд.

Соҳаи кишоварзӣ ва рушди минбаъдаи он самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, нақши он дар афзоиши истеҳсолоти озуқаворӣ, мусоид нигоҳ доштани ҳолати мелиоративии қитъаҳои замин, таъмини бозор бо маҳсулотҳои аз ҷиҳати экологӣ тоза, афзоиши содироти он ба кишварҳои хориҷӣ, такмили низоми хизматрасонии суғуртавӣ, омода ва тасдиқ кардани сегментҳои хизматрасонӣ дар соҳаи кишоварзӣ, таъмини аҳолӣ бо ҷойҳои кории доимӣ ва рушди устувори иқтисодиёти миллӣ аҳамияти муҳим дорад.

Таҳқиқоти диссертатсионии Фархудинов Ҷамшед Исроилович ба яке аз масъалаҳои муҳим, ки самаранокии истифодабарии қитъаи заминро дар худ таҷассум кардааст, омода гардидааст. Зеро, мавҷудияти муносибатҳои шартномавии суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ як кафолати устувории иқтисодиёти кишоварзӣ ба ҳисоб меравад.

Суғуртакунии заминҳои таъиноти кишоварзӣ дар шароити имрӯза яке аз механизмҳои мадании ҳифзи манфиатҳои хоҷагидорон ба ҳисоб рафта, имконият фароҳам меоварад, ки дар мавриди ба миён омадани ҳодисаҳои фавқуллода, бахуус офатҳои табиӣ зиён пурра таллофӣ

гардида, ҷиҳати устувор нигоҳ доштани фаъолияти минбаъдаи хоҷагидорон шароити мусоид муҳайё карда шавад.

Тадқиқоти мазкур яке пажуҳишҳое ба ҳисоб меравад, ки дар он масъалаҳои назариявӣ, таърихӣ, ҳуқуқӣ ва иқтисодии институти суғуртакунии заминҳои таъиноти кишоварзӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст.

Сохтори диссертатсия аз ихтисораҳо, муқаддима, се боб, ҳафт зербоб, хулоса ва феҳристи адабиёти истифодашуда иборат мебошад, ки мақсад, вазифа ва мантиқи таҳқиқотро фаро гирифтааст.

Муаллиф тавонистааст, ки мавзӯи тадқиқотро бо риояи талаботҳои муқарраршуда дар сатҳи зарурӣ омода намояд. Муаллиф қайд менамояд, ки заминистифодабарандагон ва хоҷагидорон бояд аз мазмуну моҳияти институти суғуртакунӣ маълумоти заруры дошта бошанд. Яъне онҳо ба ташкилотҳои суғуртакунӣ тамоми маълумотҳои заруриро аз ҷумла минтақаи ҷойгиршавии қитъаи замин, ҳолати мелиоративии қитъаи замин, таркиби хок, болопӯшида ё болокушода будани қитъаи замин, дар панҷ соли охир кадом намудҳои доруҳои минералӣ дар замин истифода кардаанд ва кадом намуди ҳосилро дар ин муддат гирифтанд, кадом намуди хавфҳо дар ин минтақаҳо бештар ба миён меояд, кишти кадом намуд зироат дар ин минтақаҳо имконнопазир аст ва монанди ин иттилоъро пешниҳод намояд. Зеро агар хусусиятҳои қитъаи замин аз ҷониби суғурташаванда пешниҳод нагардида бошад, ин ҳолатҳо сабаб мегардад, ки заминаи ҳуқуқии шартнома ноустувор боқӣ монда, дар оянда заруирияти ворид намудани тағйиротҳоро талаб намояд ё ба қатъ гаштани ин муносибатҳо замина гузорад.

Натиҷаҳои тадқиқоти бадастовардаи муаллиф аз он шаҳодат медиҳад, ки тадқиқот объективона омода гардида дар матни он паҳлуҳои назариявию амалӣ, навгониҳои илмӣ ва тавсияҳо, қонунгузории миллӣ ва қонунгузории давлатҳои хориҷӣ дар самти суғуртакунии заминҳои таъиноти кишоварзӣ дар муносибатҳои маданӣ истифода карда шудаанд.

Дар диссертатсия якчанд, масъалаҳои баҳснок ба назар мерасад, аз ҷумла муаллиф ҳангоми таҳлили масъалаҳои суғуртакунии заминҳои таъиноти кишоварзӣ қайд мекунад, ки ҷиҳати ҷалби бештари сармоягузориҳо дар бахши кишоварзӣ ва рушди институти суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ зарур аст, ки дар баробари ҷорӣ намудани механизми суғуртакунии заминҳои таъиноти кишоварзӣ, ҳамзамон маҳзани ягонаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар самти суғуртакунии заминҳои таъиноти кишоварзӣ такмил дода шавад.

Таҳқиқоти диссертатсионии анҷомёфта буда, ягонагии дохилӣ ва сатҳи баланди навгонии илмӣ дошта, натиҷаҳои он барои рушди илми ҳуқуқшиносӣ аҳамияти муҳим дорад.

Автореферати диссертатсияи Фархудинов Ҷамшед Исроилович ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 - Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мебошад.

Тақриздиҳанда:
Номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
муовини директори Маркази миллии
қонунгузории назди Президенти
ҶумҳурииТоҷикистон Маҳмадшозода Ф.А.

Имзои Маҳмадашозода Фарҳод Абдураҳмонро
тасдиқ менамоям.
Сардори бахши кадрҳо ва коргузории
Маркази миллии қонунгузории назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Фаттоев М.С.

16.05.2024

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маркази миллии
қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,
734024, ш. Душанбе, кучаи академик А. Адҳамов, 13,
Тел: (+99237) 227-45-00, Факс: 227-63-64 www.mmk.tj; e-mail: info@mmk.tj